Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

Тақриз ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Фирӯза Маҳмад дар мавзуи «Манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст

Оила асоси ҷамъияти моро ташкил дода, тибқи моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти ҳимояи давлат қарор дорад. Ин муқаррароти конститутсионӣ шаҳодати он аст, ки халқи Тоҷикистон ба оила ҳамчун рукни ҷомеа арҷ гузошта, ҳимояи онро аз ҷумлаи арзишҳои муҳимми давлату давлатдорӣ медонад. Аз ин рӯ, тамоми таваҷҷуҳи ҷомеа, давлат ва сохторҳои он ба ин падидаи воқеан бунёдӣ нигаронида шудаанд. Бе устувории оила ҷамеа ва давлат устувор буда наметавонад. Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста бо дарназардошти вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва талаботи замон ба масъалаҳои вобаста ба ҳифзи арзишҳои анъанавии оилаи тоҷик ва устувории он, тарбияи дурусти наврасону ҷавонон таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, дар ин самт муттасил тадбирҳои амалӣ андешида мешавад. Ҳатто аз ҷониби Пешвои миллат соли 2015 Соли оила эълон гардид, ки ҳадаф аз он боло бурдани мавқеи оила дар ҷомеа, густариши фарҳанги оиладорӣ, инчунин нигоҳ доштани он ҳамчун арзиши ивазнашаванда дар фарҳанги миллӣ мебошад.

Тибқи Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, № 801 тасдиқ шудааст, аз солҳои ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ таҳкими заминаҳои ташаккули оила ва дастгирии оилаҳо бо дарназардошти арзишҳои фарҳанги миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф шудааст.

Маълум аст, ки расидан ба ҳадафҳои гузошташуда аз омилҳои гуногуни субъективию объективӣ вобаста буда, бинобар бештар хусусияти

шахсӣ доштани муносибатҳои оилавӣ, дар мадди аввал барои оила манфиатҳои оилавӣ қарор дошта, он дар маҷмуъ ҳамчун субъекти манфиат баромад мекунад.

Дар робита ба ин, муаллиф дар автореферат дуруст қайд намудааст, ки «оила на танҳо дорои манфиатҳои умумӣ, балки аз манфиатҳои алоҳидаи аъзои он иборат мебошад. Манфиатҳои мазкур сифатан ва мазмунан метавонанд аз хамдигар фарқ намоянд. Зеро, оила дар муносибатҳои молумулкии ҳамсарон ба ҳайси субъекти манфиат баромад намуда, вале ба сифати субъекти ҳуқуқ эътироф карда намешавад» (с.4). Бо ин ақида дар қисми манфиатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ пурра розӣ шудан мумкин аст. Зеро дар ин маврид сухан дар бораи дорандаи манфиати оилавӣ меравад, ки он бешубҳа оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва умумият буда, субъекти ҳуқуқ намебошад. Манфиатҳои аъзои алоҳидаи оила дар маҷмуъ манфиати оилавӣ шуда наметавонанд, зеро дар ин ҷо, тавре муаллиф қайд намудааст, манфиатҳои сифатан ва мазмунан дигар ҷой доранд, ҳарчанд баъзан мумкин аст, ки онҳо мувофиқ оянд.

Паҳлуи дигари мушкилӣ ва ҳамзамон баҳснокии мафҳуми баррасишаванда дар он аст, ки манфиати оилавӣ аз ҷанбаҳои моддӣ ва маънавӣ таркиб ёфтааст. Бинобар ин, муаллиф мавқеи аз лиҳози доктринаи ҳуқуқи оилавӣ дурустро ишғол кардааст, ки манфиати оилавиро дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкӣ мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор додааст. Зеро таъмини амалишавӣ ва ҳимояи манфиатҳои моддии оилавӣ вазифаи ҳалталаби ҳуқуқӣ буда метавонад. Дар ин самт, мутаассифона, муаллиф зимни интихоби мавзуъ танҳо бо баррасии манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон маҳдуд шуда, масъаларо васеътар нагузоштааст. Ба андешаи мо, бо фарогирии бештари аъзои оила мазмуну моҳияти таҳқиқот возеҳтару ҳадафноктар гардида, ҳадди ақал вазифаҳои гузоштаи муаллиф вобаста ба муайян намудани хусусиятҳои манфиатҳои оилавӣ ҳангоми ҷудо кардани моликияти якҷоя ва инфиродии ҳар як зану шавҳар, баҳои воситаҳои ҳуқуқие, ки ҳифзи манфиатҳои оилавиро ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон таъмин менамоянд ва таҳлили таъсири талаботҳои кредиторон ба имконияти амалинамоии манфиатҳои оилавӣ ҳаматарафа таҳлил мегардид. Хусусан, дар ин радиф баррасии манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкӣ бо иштироки кӯдак - сарфи назар аз мақоми оилавиаш – ҳамсари ноболиғ, фарзанд ва ғайра ба мақсад мувофиқ буд. Вале ин таклифи мо хусусияти тавсиявӣ дошта, танҳо ба хотири баррасии ҳамаҷонибаи масъала

нигаронида шудааст. Он ҳаргиз маънои яктарафа ё нопурра будани мавзуи таҳқиқот ва ё масъалаҳои дар доираи он баррасишударо надорад. Худи нуктаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ далели он аст, ки муаллиф аъзои оиларо ба маънои васеъ баррасӣ карда, ба мушкилоти муайянкунии мафҳуми оила бинобар ҷой доштани аъзои гуногуни оила дучор омадааст. Ва дар робита ба ин муаллиф дуруст қайд намудааст, ки ҳайати оила на танҳо хешовандони наздик дохил мешаванд (с.9). Дар нуктаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф боз ҳам ба ҳамин мушкилот баргашта, асоснок намудааст, ки «манфиатҳои молумулкии ҳамсарон вобаста ба оне, ки манфиати киҳоро дахл менамояд, ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: манфиатҳое, ки тамоми оиларо фаро мегиранд ва манфиатҳое, ки ба аъзои алоҳидаи он дахл доранд» (с.9-10).

Гумон мекунем, ки бо ишора ба баъзе масъалаҳои умуминазариявӣ ва баҳсноки мавзуи диссертатсия, ки болотар қайд кардем, мубрамияти мавзуи интихобшуда ва рӯзмарра будани он баръало намудор гардида, ягон ҷойи баҳс нест, ки дар соҳаи илми ҳуқуқи тоҷик ва воқеияти имрӯзаи ҷомеаи Тоҷикистон таҳқиқоти гузаронидашуда саривақтӣ, мутобиқ ба сиёсати пешгирифтаи давлат, аз ҷумла сиёсати давлатӣ оид ба илм, барнома ва мавзуъҳои илмӣ буда, дар он ҳам масъалаҳои назариявӣ ва ҳам амалиявӣ бо сабку услуби ба муаллиф хос баррасӣ ва ҳаллу фасл карда шудаанд.

Дар натиҷаи баррасии мавзуъ 9 нуктаро ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки сарфи назар аз баҳснокии баъзеи онҳо, ҳамаашон аз нуқтаи назари илмӣ асоснок, мубрам ва ҳалталаб мебошанд. Бинобар ин, ҳамаи онҳо қобили таваҷҷуҳ буда, заминаи устувор барои баҳсу муҳокимаҳои илмии минбаъда, сарчашмаи боэътимод ва маълумотӣ барои ҷамъбасти мавқеъҳои гуногуни илмӣ вобаста ба онҳо ва дорои аҳамияти амалӣ мебошанд. Хусусан, нуктаи 8 ба ҳимоя пешниҳодшаванда аҳамияти калони на танҳо назариявӣ, балки амалӣ дошта, мавқеи муаллиф дақиқ, асоснок ва пурра қобили қабул мебошад. Дар ҳақиқат, истилоҳоти «моликияти умумии якҷояи ҳамсарон» ва «молу мулки ҳамсарон» дар қонунгузорӣ якранг истифода шуда, конструксияҳои устувор ва дорои як маънои дақиқ то ҳол коркард нашудааст, то ин ки имкон пайдо гардад, ки ҳар як истилоҳ дар ҷойи худаш ва маънои хосси худ мавриди корбурд қарор гирад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки «Мутаассифона, на танҳо дар қонунгузорӣ оилавӣ, ҳатто дар қонунгузории маданӣ фарқияти онҳо муқаррар карда намешавад» (с.11).

Дар баробари ин, муаллиф дар нуктаи 9 ба ҳимоя пешниҳодшаванда 4 таклифи мушаххасро барои такмили қонунгузорӣ манзур кардааст (с.11-12), ки ҳамаи онҳо қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Ба андешаи мо, таклиф вобаста ба такмили қисми 1 моддаи 39 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.12, 36) нуқтаи авҷ (кулминатсия)-и натиҷаи бадастомадаи таҳқиқот мебошад. Инро метавон ҳамчун дастоварди назарраси илмию амалӣ баррасӣ кард. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқи мавзуъ табиати ҳуқуқии паҳлуи амалии аҳамияти манфиати оилавиро дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон ошкор карда, таъсири онро зимни тақсими молу мулки умумии ҳамсарон ва муайян намудани ҳисса (саҳм)-ҳо дар ин молу мулк нишон додааст. Дар ин ҷо афзалияти тақсими молу мулки умумии ҳамсарон вобаста ба манфиати оилавӣ нисбат ба принсипи баробарии ҳисса (саҳм)-и ҳамсарон дар молу мулки умумӣ таҷассум ёфтааст. Ҳарчанд принсипи тақсимоти баробари ҳиссаҳо чун анъана омили баробаркунанда ва одилона шуморида мешавад, муаллиф тавонистааст исбот намояд, ки тақсими молу мулки умумии ҳамсарон вобаста ба манфиати оилавӣ дурусттар мебошад. Албатта, механизми амалисозии ин таклиф дар амалият душвориро ба миён оварда метавонад. Масалан, худи мафҳуми «манфиати оилавӣ» дар қонунгузорӣ норавшан ва абстрактӣ буда, муайянкунии он бештар хусусияти субъективӣ гирифта метавонад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, таклифи мазкур ниёз ба мушаххассозии минбаъда дошта, мувофиқи мақсад аст, ки муаллиф дар оянда низ ҳамин масъаларо пайгирӣ кунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсия нишон дод, ки он бо риояи ҳама талаботи мавҷуда, аз нуқтаи назари илмӣ дуруст ва бо истифода аз усулҳои дахлдори илмӣ навишта шуда, пайдпайии мантиқии фикрҳо ва навгониҳо мавҷуд буда, вобаста ба мазмуни он ягон эроди ҷиддӣ ҷой надорад. Таҳлили таърихии масъала аҳамият ва навгонии корро бештар гардонидааст, зеро маводи таҳлил ва натиҷаҳои бадастомада дар ин қисми барои таҳқиқотҳои оянда ва умуман барои истифода ҳамчун манбаи иттилоотӣ бениҳояд муҳим аст.

Ҳамин тавр, матни автореферат бо мазмуни диссертатсия мутобиқат дошта, диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда навгониҳои илмӣ дошта, барои

шароити Тоҷикистон мутобиқ ва татбиқшаванда мебошанд, ҳамзамон саҳм дар илми ҳуқуқшиносӣ махсуб меёбанд.

Номи диссертатсия ва мазмуни он ба рамзи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқ мебошад.

Дар маҷмуъ, аз мазмуни автореферати диссертатсия дар мавзуи «Манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон» бармеояд, ки он ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Раҳимзода Фирӯза Маҳмад сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
профессори кафедраи ҳуқуқи граждании
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор

Имзои И.Ғ.Ғаффорзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва ПМ ДМТ Фаvқиева
«_________» ____________________ 2025 с.

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

**ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17**

**Телефон: +992 221 77-11;**

**Почтаи электронӣ: info@tnutj**